# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. ( Данғара, 2026- 40 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи мазкур, ки ба омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ бахшида шудааст, яке аз мавзӯъҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозаргонӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Мавзуи таҳқиқот ҳамчун масъалаи мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, бахусус ҳуқуқи маданиву соҳибкорӣ, аҳаммияти махсус дошта, ба таҳкими суботи муомилоти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Сохтори автореферат бо риояи талаботи муқарраргардидаи санадҳои меъёрии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд.

**Мубрамият ва аҳамияти илмии мавзуъ.** Муаллиф дар қисми муқаддимавии автореферат мубрамияти мавзуъро бо далелҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ асоснок намуда, дуруст қайд менамояд, ки дар шароити имрӯзаи пешрафти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли ҳуқуқӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши хизматрасонии суғурта мақоми хеле муҳимро ишғол мекунад. Мубрамияти мавзӯъ аз робитаи мустақими он бо рушди иқтисоди миллӣ, ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон, устувории молиявӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ бармеояд.

Таҳқиқи ҳуқуқии ин бозори суғурта аз нигоҳи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ метавонад ба такмили қонунгузорӣ (аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар

бораи фаъолияти суғуртавӣ», баланд бардоштани самаранокии назорат ва афзоиши эътимоди ҷомеа ба бозори суғурта мусоидат намояд. Ин ҳама дар шароити кунунӣ, ки кишвар ба сӯи иқтисоди рақамӣ ва устувор ҳаракат мекунад, аҳамияти муҳим дорад. Ин ҳолат зарурати таҳқиқоти илмии амиқро оид ба ин масъала асоснок менамояд.

**Сохтор ва мазмуни автореферат.** Автореферат дар маҷмӯъ бо риояи талаботи методологӣ ва сохтории таҳияи корҳои диссертатсионӣ тартиб дода шудааст. Дар қисми тавсифи умумии таҳқиқот мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот ба таври возеҳ муайян гардидаанд.

Муаллиф ҳамчун ҳадафи асосӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорииро дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи пешниҳодҳо барои такмили қонунгузории амалкунандаро пеш гузоштааст. Вазифаҳои таҳқиқот низ ба таври мантиқӣ ва пайдарпай муайян карда шудаанд, ки аз таҳлили мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта то коркард ва асоснокии пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории амалкунанда бо мақсади таъмини устуворӣ, рушд ва ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ фаро мегиранд.

Асосӣ назариявии таҳқиқот бо истинод ба осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври кофӣ фароҳам оварда шудааст. Дар таҳқиқот аз корҳои илмии олимони соҳа истифода гардидааст, ки ин ба баланд шудани сатҳи илмии таҳқиқот мусоидат намудааст.

Методологияи таҳқиқот низ ба талаботи илми ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ буда, истифодаи усулҳои таҳлили - ҳуқуқӣ, муқоисавӣ – ҳуқуқӣ, таърихӣ, синтез ва индуксия ва моделсозӣ имкон додааст, ки масъалаҳои мавриди омӯзиш аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ карда шаванд.

Заминаи эмпирикии таҳқиқот бо истифодаи амалияи судӣ, ҳисоботҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок гардида, ба таҳқиқот хусусияти амалӣ бахшидааст.

**Навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки барои нахустин дар илми ҳуқуқи Тоҷикистон таҳқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта дар шароитиислоҳоти навини қонунгузорӣ (солҳои 2023–2025) ва рақамисозии низоми молиявӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф нуктаҳоро пешниҳод намудааст, ки ба таҳқиқот баҳои илмӣ медиҳад

Дар таҳқиқот инчунин ба масъалаи таҳлили мафҳум ва моҳияти фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта, шартномаҳои суғурта ва мушкилҳои калидии ҳуқуқӣ диққати махсус дода шудааст. Ин равиш имкон додааст, ки мавзӯъ аз ҷиҳати назариявӣ амиқтар баррасӣ гардад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Пешниҳодҳои муалиф метавонад барои такмили қонунгузории амалкунанда (Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», Кодекси мадании ҶТ), баланд бардоштани самаранокии назорати Бонки миллии Тоҷикистон, ҳалли баҳсҳои судӣ оид ба радди пардохтҳо ва таъхирҳои ҷубронҳо, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон истифода шаванд.

Илова бар ин, хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар таълими донишҷӯён ва аспирантҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва курсҳои махсуси ҳуқуқи суғурта истифода гарданд.

Сарфи назар аз сатҳи баланди илмии таҳқиқот, баъзе камбудиҳои хусусияти тавсиявӣ доранд.

1. Таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта нисбатан махдуд таҳқиқ гардида, пажуҳиши васеъро дар ин самт талаб менамояд.

Бо вуҷуди ин, ин камбудиҳо хусусияти мубоҳисавӣ дошата, ба сатҳи умумии таҳқиқот таъсири манфии назаррас намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта ва дорой аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Таҳқиқот ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ буда, метавонад барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили қонунгузории миллӣ саҳми назаррас гузорад.

Бо дарназардошти натиҷаҳои бадастомада, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
Декани факултети таърих, ҳуқуқ
ва муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ, н.и.ҳ., дотсент: Каримҷонзода М.К.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ, хонаи 15
E-mail: manuchehr.karimzoda907000226@gmail.com
Тел.: (+992) 943201000

**Имзои М.К. Каримҷонзодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

«11» 06 2026 с.

Суроға: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел.: (+992 3322) 2-35-06; (+992 3322) 2-35-06
Почтаи электронӣ: info@kgu.tj, somona@kgu.tj
Сомонаи интернетӣ: www.. kgu.tj